ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН!

# ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

№ 9 (171)
14 октябри соли 2021

Нашрияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЧОРАБИНИИ БОШУКУҲИ ФАРҲАНГӢ



***7 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар варзишгоҳи марказии шаҳри Хуҷанд дар барномаи бошукуҳи идона ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ иштирок ва суханронӣ карданд.***

Нахуст Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми сокинони заҳматқарини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро ба муносибати сиюмин солгарди истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон самимона табрик гуфтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори қаноатмандӣ аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ таъкид доштанд, ки дар вилоят давоми се соли охир корҳои бузурги созандагӣ вусъат гирифта, дар ин давра зиёда аз 8000 иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Бинобар ин, Президенти мамлакат ба кулли мардуми ободкори вилоят, аз ҷумла ба соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпеша барои иқдомоти хайрхоҳона ба хотири ободии Ватан миннатдорӣ баён карданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат тайи сӣ соли соҳибистиқлолӣ барои таъмин намудани рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти вилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо беш аз 48 миллиард сомонӣ равона кардааст.

Дар вилоят 56 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 10 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ идома дорад, ки маблағҳои дар доираи онҳо то ба имрӯз азхудшуда 2,3 миллиард сомониро ташкил медиҳанд. Дар зарфи 15 соли охир ба вилоят ба маблағи 24 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст, ки зиёда аз 15 миллиард сомонии он сармоягузории мустақим мебошад. Инчунин, дар доираи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят барои солҳои 2016 - 2020-ум 192 лоиҳа ба маблағи умумии 7,8 миллиард сомонӣ иҷро шуда, дар барномаи навбатӣ барои солҳои 2021 - 2025 татбиқи боз 243 лоиҳа ба маблағи 11 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаҳои гуногуни вилоят низ сол ба сол афзуда, аз 37 миллион сомонии соли 2001 ба 2,3 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки беш аз 65 баробар зиёд мебошад. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ дар вилоят аз 73 фоизи соли 1999 то ба 15,4 фоиз дар соли 2020 паст шудааст, ки дастоварди хеле назаррас мебошад.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшҳои муҳими иқтисоди миллии вилоятро пурра таҳлил намуданд. Таъкид гардид, ки соҳаи саноати вилоят яке аз қисмҳои муҳимми саноати кишвар буда, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар бахшҳои мухталифи он иқтидорҳои бузурги истеҳсолӣ ташаккул ёфтаанд. Дар натиҷаи истифодаи иқтидорҳои мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нав ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят аз 1,5 миллиард сомонии соли 1995 то ба 15,6 миллиард сомонӣ дар соли 2020 афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар ба 51 фоиз расидааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар вилояти Суғд соҳаи кишоварзӣ низ бомаром тараққӣ карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 2,3 баробар афзудааст ва соли 2020 ба 12 миллиард сомонӣ баробар гардидааст.

Вобаста ба иқтидорҳои истифоданашудаи соҳаҳои саноат ва ҳам кишоварзӣ роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва корхонаҳои саноативу кишоварзӣ вазифдор гардиданд, ки тамоми тадбирҳоро роҳандозӣ намоянд, то саҳми вилоят дар таъмини ду ҳадафи стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат боз ҳам бештар гардад.

Дар зарфи сӣ соли охир дар соҳаи роҳу нақлиёти вилояти Суғд аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 6 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 5,7 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, 450 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, 71 пул ва 2 нақби мошингузар сохта, ба истифода дода шудааст.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи насли наврас ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар вилояти Суғд 780 муассисаи нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ барои 370 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Танҳо соли ҷорӣ ба истиқболи ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ҳудуди вилоят бунёди боз 52 муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ барои беш аз 27 ҳазор хонанда ба нақша гирифта шуд.

Дар тӯли даврони истиқлол соҳаи тандурустии вилоят, ки яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, хеле рушд ёфтааст. Дар ин давра 316 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 17 беморхона ва марказҳои тиббӣ, 39 шуъбаи табобатӣ, 91 маркази саломатӣ, 149 бунгоҳи саломатӣ ва 20 иншооти дигар сохта, ба истифода супорида шудааст. Танҳо дар 8 соли охир барои муассисаҳои тандурустии вилоят ба маблағи 130 миллион сомонӣ таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ харидорӣ гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз пешравиҳои вилояти Суғд дар зарфи сӣ соли охир изҳори қаноатмандӣ намуда, бо итминон изҳор доштанд, ки сокинони сарбаланди вилоят ба шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу суботи комили Тоҷикистони маҳбубамон чун ҳарвақта аҳлона заҳмат кашида, саҳми арзишманди худро ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии ҳар як оила мегузоранд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи бошукуҳи фарҳангӣ баргузор шуд, ки тараннумгари дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар, рушду пешрафти вилояти Суғд ва талошҳову тадбирҳои Пешвои муаззами миллат баҳри таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ буд.

***АМИТ «Ховар»***



## ИФТИТОҲИ МУҶАССАМАИ “ДУОИ МОДАР”



***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ эҳтироми модар ва арҷгузорӣ ба заҳмату ҳизматҳои модарони тоҷикро таъкид намуда, дар ситоишу васфи модар фармудаанд: “Модар - офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерӯбахши рӯҳу ҷон мебошад. Ҳама эъҷозу парвоз, ҳама эъҷоду бунёд ва ҳама мардонагиву қаҳрамонӣ натиҷа ва самараи заҳмати шабонарӯзии модар аст. Дунё дар домони биҳиштии модар парвариш меёбад ва аз ин рӯ башарият ҳамеша аз ӯ сипосгузор мебошад”.***

Бо иқдоми роҳбарияти Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд дар майдони саҳни фурудгоҳ муҷассамаи “Дуои модар” дар доираи иқдоми 1300 рӯзи ободонию кабудизоркунӣ ва ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чун рамзи изҳори муҳаббати поку самимӣ нисбат ба модар, эҳтироми бузург ва арҷгузорӣ ба ҳастии зан-модар ва қадршиносии модари тоҷик бунёд карда шуда, дар кишвар аввалин муҷассамаи азим дар намуди даст ба дуо бардоштаи модар мебошад.

Муҷассамаи “Дуои модар” бо пояаш 13 метрро ташкил дода, баландии худи муҷассама 6,7 ва пояи он 5,5 метрро ташкил медиҳад.

Саҳни муҷассамаи “Дуои модар” бо фаввораҳои чароғон ва гулгашти зебо ба макони дилкашу назаррабо табдил дода шудааст. Ин мавзеи ҷолиб барои тамошои меҳмонону сайёҳон дар фурудгоҳ маҳсуб меёбад ва дуои модар фатҳу кушоиш барои ҳар фард дар зиндагӣ ва кору рӯзгор аст.

Баъди ифтитоҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми шахсони ватандӯст баҳри ободии як гӯшаи диёр изҳори сипос карда, ин амали созандаро шоистаи таҳсин номиданд.

# БИНОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ – ТУҲФАИ АРЗАНДА БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





***Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд ва таҷлили бошукӯҳи ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои нави таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.***

Дар ифтитоҳи бинои мазкур вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода, муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ, муовини раиси раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот Раҳмонализода Хуршед Раҳмоналӣ, ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат, роҳбарони муассисаҳои олии вилоят, кормандони васоити ахбори умум иштирок намуданд. Бо буридани лентаи рамзӣ меҳмонон вориди ошхонаи муассиса гардида, дар гирди дастархони идона бо донишҷӯёни ятим, маъюб ва камбизоат суҳбати самимӣ оростанд. Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода ва ҳамроҳонаш ба 17 нафар ятимону маъюбон туҳфаҳои хотиравию арзишманди Пешвои миллатро тақдим намуда, зикр намуд, ки ин табақаи ниёзманди ҷомеа ҳамеша зери ғамхорию пуштибонии Ҳукумати кишвар ва Пешвои муаззами миллат қарор доранд.

Сипас меҳмонон бо роҳбаладии директори донишкада Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар ошёнаи якуми бино вориди синфхонаҳои таълимӣ гардида, аз синфхонаи тиҷорати электронӣ, озмоишгоҳи молшиносӣ ва муоинаи молҳои истеъмолӣ, парки технологӣ, толори фитнесс дидан карда, бо устодону донишҷӯён мулоқот намуданд.

Дар ошёнаи дуввуми бинои муассисаи нави таълимӣ дар толори конференсия суҳбати онлайнии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода ва ҳамроҳонаш бо донишҷӯёни донишкада, ки айни замон дар Донишгоҳи Варнаи Булғория таҳсил менамоянд, баргузор гардид. Донишҷӯён зимни суҳбат арзи сипоси худро ба Пешвои муаззами миллат барои муҳайё намудани шароити хуби таҳсил дар хориҷи мамлакат баён доштанд. Дар идома меҳмонон аз озмоишгоҳҳои криминалистика ва синфхонаи компютерӣ боздид карда, ба раванди таълим ва тарзи гузаронидани машғулиятҳо аз тарафи устодони донишкада ошно гаштанд.



Сипас дар маҷлисгоҳи бинои нави таълимӣ мулоқоти меҳмонон бо устодони донишкада баргузор гардид. Вазири маориф аҳли нишастро ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, ба истифода дода шудани бинои нави таълимиро туҳфаи арзандаи ҷомеаи меҳнатӣ ба ин санаи фархундаи миллӣ арзёбӣ кард. Муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ ва муовини Раиси Иттифоқи Тоҷикматлубот Раҳмонализода Хуршед Раҳмоналӣ низ ба ҷашни фархундаи миллӣ устодонро табрик гуфта, аз сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ дар бинои нави таълимӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Директори донишкада Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ташрифи меҳмонони иззатмандро хайрамақдам гуфта, зикр намуд, ки ҷавобан ба ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисод ва савдо ҷаҳду талоши созанда менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлоли кишвар муассисаҳои олии касбӣ таъсис дода шуда, фаъолияти хешро босамар пеш мебаранд, ки аз ҷумлаи онҳо Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба шумор меравад. Донишкадаи мазкур, ки муассиси он Иттифоқи Тоҷикматлубот аст, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №59 аз 12 феврали соли 2010 таъсис дода шудааст. Донишкада фаъолияти худро бо мақсади иҷрои амалии нуктаҳои асосии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир ба роҳ мондааст. Дар ҳақиқат донишкада зодаи даврони соҳибистиқлолии кишвар аст ва дар баробари дастовардҳои таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ бахшида ба ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот дар маҳаллаи Пахтакори шаҳри Хуҷанд таҷдид ва таъмири бинои нави таълимӣ ба роҳ монда шуда, корҳои сохтмонӣ ва азнавсозӣ дар сатҳи баланд ба анҷом расиданд.

Бинои мазкур тибқи нақша, дар масоҳати 3561 метри мураббаъ доман густурда, аз 4 ошёна ва 35 синфхонаи таълимӣ иборат буда, аз ҷумла, дорои утоқҳои лингофонӣ ва компютерӣ, утоқҳои кориву ёрирасон, маҷлисгоҳ, толори конференсия, китобхонаи электронӣ ва анъанавӣ, озмоишгоҳҳои молшиносӣ ва ташхиси сифати молҳои истеъмолӣ ва криминалистика, Парки технологӣ, ошхона, толори фитнесс мебошад ва барои 850 нафар донишҷӯ пешбинӣ гардидааст. Ҳудуди бино, роҳравҳо ва синфхонаҳо бо камераҳои мушоҳидавӣ, инчунин бо Wi-Fi муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Бинои таълимӣ дорои буғхона буда, дар фасли зимистон имконияти бо ангишт гарм нигоҳ доштани тамоми ҳуҷраҳоро дорад. Гирду атрофи бино бо дарахтони сояафкану ороишӣ ва гулҳои рангоранг зебо гардонида шудааст.

Ҳамчунин саҳн ва роҳравҳои бинои таълимӣ сафолакпӯш гардида, чароғакҳои равшанидиҳанда ва нишастгоҳҳо насб шудааст. Бинои мазкур бо тарҳи замонавӣ таъмиру таҷдид гардида, дар он асосан масолеҳи сохтмонии баландсифати истеҳсоли ватанӣ истифода бурда шудааст.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА***





# ОМӮЗГОРӢ МУҚАДДАСТАРИН КАСБИ РӮИ ОЛАМ АСТ

***Аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши омӯзгор***

Ман пештар ҳам борҳо гуфтаам ва боз такрор мекунам: то замоне ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда, парваришдиҳанда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистаеро муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро, чунонки мебояд, баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст.

***

Баланд гардидани обрӯ ва эътибори омӯзгор ва мактабу маориф аз бисёр ҷиҳат ба худи шумо, устодону омӯзгорон, вобаста аст.

***

Ҳар қадар ки шумо худро эҳтиром кунед, савияи донишу маърифати худро баланд бардоред, ба ҳамон андоза эҳтирому эътиқоди аҳли ҷамъиятро сазовор мегардед.

***

Гузаштагони бузурги мо беҳуда нагуфтаанд, ки равшанкунандаи хиради башар ва афрӯзандаи машъали илму донишу тавоноӣ омӯзгор, муаллим ва устод аст. Таъмини пешравӣ ва рушду нумӯи ҷомеа низ ба маҳорати касбии шумо вобастагӣ дорад. Тақдири хушбахтии мардум, ободии кишвар ва афзоиши сарвати маънавии ҷомеа дар дасти шумост. Мо ба қудрату тавоноии шумо бовар дорем.

***

Рисолати бузургтарини ҳар фарде, ки худро зиёӣ мешуморад ва дар соҳаи маорифу фарҳанг ва илму маърифат заҳмат мекашад, бо талошҳои пайгирона сатҳи донишандӯзӣ ва тафаккури илмию технологии насли наврасро баланд бардоштан аст.

***

Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии дили худро бедареғ ба шогирдон – фарзандони миллат медиҳад ва хешро аз он хушбахт мешуморад. Имрӯз масъулияти омӯзгор боз ҳам афзудааст.

***

Тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар насли наврас, насле, ки пояи илму фарҳанги миллатро ба силсилаи пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ пайваст менамояд, ба устодону омӯзгорон вобаста аст.

***

Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон мебошад. Гузаштагони бузурги мо фармудаанд, ки равшанкунандаи хиради башар ва афрӯзандаи машъали илму донишу тавоноӣ омӯзгор, муаллим ва устод аст.

***

Дар татбиқи ҳар амали хайру савоб нақши омӯзгорон бисёр бузург мебошад, чунки омӯзгорон мураббӣ ва ҳидоятгари роҳи ростӣ ҳастанд.

***

Шумо – омӯзгорон ва мураббиёни мушфиқ кори басо пурсавобро пешаи худ кардаед.

***

Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад.




Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеч гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд.

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН



***Дар Муассисаи давлатии «Кохи фарҳанги ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» бахшида ба Рӯзи омӯзгорон чорабинии илмӣ - фарҳангӣ таҳти унвони «Рисолати омӯзгор дар ташаккули низоми таҳсилот ва ҳифзи арзишҳои Истиқлоли миллӣ» доир гардид.***

Дар чорабинӣ Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф, омӯзгорону олимон ва кормандони соҳаи маориф ва илми вилоят ширкат намуданд.

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ҳозиринро бо рӯзи касбӣ табрик гуфта, дар иҷрои рисолати пуршараф ва масъулиятнок пирӯзиҳои навинро таманно дошт. Аз ҷумла, таъкид намуд: “Аз файзи истиқлоли давлатӣ дар мамлакати азизи мо таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф афзуда, ба масъалаи ғамхорӣ ва дастгирии омӯзгорон диққати махсус зоҳир мешавад. Ҳадаф аз ин тадбир арҷгузорӣ ба хидматҳои арзишманд ва мондагори омӯзгорон, ки қувваи пешбар ва иқтидори воқеии рушди миллат ҳастанд, маҳсуб меёбад”.

Сипас, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Имомзода Муҳаммадюсуф аҳли нишастро бо Рӯзи омӯзгорон шодбош гуфта, доир ба таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату ҳукумат нисбати рушди соҳаи маориф ва илми мамлакат, густаришу устуворгардии истиқлол, сулҳу осоиштагӣ, тақвияти ҳамдигарфаҳмию ваҳдати миллӣ ва ҳавасмандии моддиву маънавии омӯзгорон ҳарф зад. Аз ҷумла зикр дошт, ки “Мо ифтихорманд аз онем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешаи омӯзгориро «муқаддастарин касби рӯи олам» медонанд ва рушду шукуфоии имрӯзу фардои кишварро аз фаъолияти пурмаҳсули омӯзгорон арзёбӣ мекунанд”.

Аз тарафи роҳбарият 110 нафар омӯзгори муваффақ, олимон, хизматчиёни давлатӣ ва кормандоне, ки дар рушди соҳаи маориф ва илми кишвар нақши назаррас гузоштаанд, бахшида ба Рӯзи омӯзгорон нишонҳои Аълочии ифтихории маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Барномаи фарҳангӣ пешкаши омӯзгорон гардида, чорабинӣ бо руҳияи идонаву болидаи аҳли иштирокдорон ҳусни анҷом пазируфт.

Мавриди зикр аст, ки бахшида ба Рӯзи омӯзгорр устодони донишкада: Машокиров Шӯҳратҷон Усмонҷонович, Азимов Абдумавлон Ҷалилович, Ҷонназарова Дилшода Худойназаровна, Исмоилова Мутриба Охунҷоновна, Камолов Фаррухҷон Абдуқодирович сазовори унвони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” гардиданд.

Ҳамчунин устодон: Ҷамолиддинов Сӯҳроб Рустамҷонович, Қосимова Маҷуда Ҳалимовна, Норбобоев Луқмонҷон Бурҳонович, Раҳимов Эркинҷон Эсонҷонович, Мухторов Саидқосим Саидосимович, Ҷумаев Аскарҷон Қаюмович, Саидхоҷаева Мусаббехон Насимхоҷаевна, Калонова Матлуба Ёқубовна, Эсонова Мавзунахон Олимовна, Мӯминов Муҳиддин ба Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ гардиданд.

Мо ба ин дастоварди арзанда ва сазовор гардидан ба чунин унвонҳои баланд устодони арҷмандро табрик гуфта, барояшон комёбиҳои нав ба навро таманно менамоем.

***Хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд***

# ОМӮЗГОРОН АФРӮЗАНДАГОНИ ЧАРОҒИ ИЛМУ МАЪРИФАТАНД





***Рӯзи якшанбеи ҳафтаи аввали моҳи октябр дар саросари кишвари азизамон чун иди касбии омӯзгорон – Рӯзи муаллим ботантана қайд карда мешавад. Имсол таҷлили ин ҷашни фархунда ба рӯзҳое рост омад, ки тамоми мардуми сарбаланди диёрамон дар рӯҳияи болидаву дили саршори пур аз меҳру муҳаббат ва ифтихор аз Ватану миллат 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҷашн гирифта, меҳру садоқати бепоёни худро бо баргузории роҳпаймоишои идона ба халқу Ватан намоиш доданд.***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронииашон заҳмати пурмасъулияти тарбиятгарони насли наврасро шоиста қадр карда, таъкид доштанд: “Маҳз омӯзгор аст, ки наврасону ҷавононро ба интихоби касбу ҳунар ва роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир рисолат ва масъулияти касбии омӯзгор бамаротиб зиёд шудааст. Дар ин росто ҳар як омӯзгор бояд ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ дошта бошад ва шогирдонашро дар ҳамин руҳия тарбия намояд”.

Ба ифтихори Рӯзи бузургдошти муаллим дар донишкада чорабинии идона баргузор гардид. Директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан зимни табрикоти устодон аз суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибос оварда, таъкид намуд, ки «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд».

Боиси хушнудиии аҳли ҷомеаи меҳнатии донишкада аст, ки имсол ба ифтихори ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи Пахтакор бунёд ва азнавсозии бинои нави таълимӣ ба нақша гирифта шудааст. Бо боварии комил таъкид менамоям, ки корҳои сохтмонӣ ва азнавсозию ороиши бинои мазкур пурра анҷом ёфтанд ва ба истифода дода шудани он туҳфаи арзандаи мо ба ҷашни фархундаи миллӣ мебошад.

Баъдан дар вазъияти тантанавӣ ба як қатор устодони донишкада барои фаъолияти пурсамар ва дастовардҳои арзанда ифтихорномаву сипосномаҳои ҲХДТ, раёсати донишкада, кумитаи иттифоқи касаба ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Барномаи рангини фарҳангии донишҷӯён бахшида ба Рӯзи омӯзгорон иборат аз рақсу сурудҳои дилнишин, қироати шеърҳо ва саҳнаҳои адабӣ хотири иштирокчиёни чорабиниро болида гардонид.

***Нуъмон Раҷабзода***



# ЗАБОН ҲАСТИИ МИЛЛАТ ВА НИШОНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИСТ

## Нуктаҳо аз Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон




*Аз 5 октябри соли 2009, яъне бо қабул гардидани Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони тоҷикӣ ба марҳалаи нави рушду такомул ворид шуд. Зеро қонуни мазкур бо дарназардошти ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи мо дар асри XXI, инчунин, ба хотири арҷгузориву посдории боз ҳам бештари забони тоҷикӣ таҳияву тасдиқ гардида, то имрӯз дар пешбурди сиёсати давлати навини тоҷикон нақши муҳим бозида истодааст.*

*****

*Забон ҳастии миллат ва нишони давлатдории миллӣ буда, чун ҷисми зинда барои афзудани тавонмандии худ ба гамхориву пуштибонии пайвастаи давлату ҷомеа ниёз дорад.*

*****

*Забони тоҷикӣ ифодагари арзишҳои маънавӣ ва оинаи ибратбахши рӯзгори мо, тоҷикон, аст. Аз ин рӯ, мо забони модарии худро дӯст медорем, ба он эҳтирому арҷи бепоён мегузорем, зеро забон ганҷи бебаҳои мероси фарҳангӣ ва аз ҷумлаи олитарин муқаддасоти миллии мо ба шумор меравад.*

*****

*Донистани якчанд забон, ки аз анъанаҳои деринаи гузаштагони бузургамон маншаъ мегирад, имрӯз ҳама қишрҳои ҷомеа, махсусан, насли наврасу ҷавонро водор месозад, ки дар баробари аъло донистани забони давлати худ, яъне тоҷикӣ, донандаи хуби дигар забонҳо низ бошанд.*

*****

*Бузургтарин вазифаи ҳар як фарди худогоҳи кишвар нигаҳдориву арҷгузорӣ ба ин мероси гаронбаҳо ва ба наслҳои оянда поку беолоиш расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад.*

*****

*Сарчашма ва пойдевори худогоҳиву худшиносӣ забони модарӣ аст ва маҳз забони миллӣ тафаккури миллиро ташаккул медиҳад. Яъне забони модарӣ барои мо – тоҷикон асоси ҳувияту худшиносии миллиамон мебошад.*

*****

*Вазифаи муқаддаси мо – насли имрӯза дар он зоҳир мегардад, ки барои поку бегаҷанд нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшиш намоем, забондонии хешро пайваста сайқал диҳем ва онро чун гавҳараки чашм пос дорем.*

# БА ИФТИХОРИ РӮЗИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

### *Аз “Маснавии маънавӣ”*



*Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,*
*Боз орад нидоҳоро ба сӯйи мо садо.*
***
*Чун диҳад қозӣ ба дил ришват қарор,*
*Кай шиносад золим аз мазлуми зор.*
***
*Садҳазорон баҳру моҳӣ дар вуҷуд,*
*Саҷда орад пеши он икрому ҷуд.*
***
*Охири ҳар гиря охир хандаест,*
*Марди охирбин муборак бандаест.*
***
*Гар фироқи банда аз бад бандагист,*
*Гар ту бо бад бад*
*кунӣ пас фарқ чист?*
***
*Аз баҳорон кай шавад сарсабз санг,*
*Хок шав, то гул намоӣ ранг-ранг.*
***
*Хоҷа дар айбаст гарқа то ба гӯш,*
*Хоҷаро мол асту молаш айбпӯш.*
***
*Илм чун бар дил занад ёре шавад,*
*Илм чун бар тан занад боре шавад.*
***
*Ҳақ таоло халқро гӯяд ба ҳашр,*
*“Армугон кӯ аз барои рӯзи нашр”.*
***
*Хоб бедорист, чун бо дониш аст,*
*Войи бедоре, ки бо нодон нишаст.*
***
*Ҳамчу шере сайди худро хеш кун,*
*Тарки ишваи аҷнабиву хеш кун.*
***
*Ҳар киро хӯи накӯ бошад бираст,*
*Ҳар касе к-ӯ шишадил бошад шикаст.*
***
*Ҳин магӯ фардо, ки фардоҳо гузашт,*
*То ба куллӣ нагзарад айёми кишт.*
***
*Бар кулӯхе дил чӣ бандӣ, эй салим,*
*Дил талаб асле, ки ӯ бошад муқим.*
***
*Олами аввал ҷаҳони имтиҳон,*
*Олами сонӣ ҷазои ину он.*
***
*Ҳеҷ оина дигар оҳан нашуд,*
*Ҳеҷ ноне гандуми хирман нашуд.*
***
*Дар ҷаҳони боҷгуна ин басест,*
*Дар назаршон гавҳаре кам аз хасест.*
***
*Лаълро гар муҳр набвад бок нест,*
*Ишқ дар дарёи гам гамнок нест.*
***
*Дӯстии аблаҳ батар аз душманист,*
*Ӯ ба ҳар ҳилла кӣ донӣ ронданист.*
***
*Чун қалам дар дасти гаддоре бувад,*
*Бегумон Мансур бар доре бувад.*
***
*Оинаи дил соф бояд то дар ӯ,*
*Вошиносӣ сурати зишт аз накӯ.*
***
*Ҳад надорад васфи ранҷи он ҷаҳон,*
*Сахл бошад ранҷи дунё пеши он.*
***
*Чун басе иблиси одамрӯй ҳаст,*
*Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.*
***
*То нарӯяд риши ту, эй хуби ман,*
*Бар дигар содазанах таъна мазан.*
***
*Гар бипӯшӣ, ту силоҳи Рустамон,*
*Рафт ҷонат, гар набошӣ марди он.*
***
*Дарси Одамро фаришта муштарӣ,*
*Маҳрами дарсаш на дев асту парӣ.*
***
*Эй бародар қисса чун паймонаест,*
*Маънӣ андар вай мисоли донаест.*
***
*Дар гузар аз ному бингар дар сифот,*
*То сифотат роҳ намояд сӯйи зот.*
***
*Офарин бар ишқи кулли устод,*
*Садҳазорон зарраро дод иттиҳод.*
***
*Дар ҳақиқат дӯстонат душманонд,*
*Ки зи ҳазрат дуру машгулат кунанд.*
***
*Бӯйи кибру бӯи ҳирсу бӯй оз,*
*Дар сухан гуфтан биёяд чун пиёз.*
***
*Мар сагонро чун вафо омад шиор,*
*Рав сагонро нангу бадномӣ маёр.*
***
*Об аз боло ба пастӣ дарравад,*
*Он гаҳ аз пастӣ ба боло барравад.*
***
*Як ҷафо аз ёру аз хешу табор,*
*Дар геронӣ ҳаст чун сесад ҳазор.*
***
*Васфи бедории дил, эй маънавӣ,*
*Дар нагунҷад дар ҳазорон маснавӣ.*
***
*Фоли бад ранҷур гардонад ҳаме,*
*Одамеро ки набудасташ гаме.*
***
*Ҳеҷ барге дарнаяфтад аз дарахт,*
*Бе қазову ҳукми он султони бахт.*
***
*Гар бо ҳамаӣ, чу бе манӣ, бе ҳамаӣ,*
*В-ар бе ҳамаӣ, чу бо манӣ, бо ҳамаӣ.*
***
*Ҳақ ҳамегӯяд: “Назармон бар дил аст,*
*Нест бар сурат, ки он обу гил аст”.*
***
*Ҳар киро дил пок шуд аз эътидол,*
*Он дуояш меравад то зулҷалол.*
***
*Гар нахоҳӣ дӯстро фардо нафир,*
*Дӯстӣ бо оқилу бо ақл гир.*
***
*Бетамаъ нашинидаам аз хосу ом,*
*Ман саломе эй бародар! Вассалом.*
***
*Шаш ҷиҳат олам ҳама икроми ӯст,*
*Ҳар тараф, ки бингарӣ, аъломи ӯст.*
***
*Мурдани тан дар риёзат зиндагист,*
*Ранҷи ин тан рӯҳро поянда гист.*
***
*Пеши саг чун луқмае нон афканӣ,*
*Бӯ кунад, он гаҳ хӯрад, эй муътанӣ.*
***
*Асли лашкар бегумон сарвар бувад,*
*Қавми бесарвар тани бе сар бувад.*
***
*Ҳирс кӯру аҳмақу нодон кунад,*
*Маргро бар аҳмақон осон кунад.*
***
*Ҳадди худ бишносу бар боло марав,*
*То наяфтӣ дар нишеби шӯру шар.*
***
*Мо барои васл кардан омадем,*
*Не барои фасл кардан омадем.*
***
*Ин қадар гуфтем, боқӣ фикр кун,*
*Фикр агар ҷомид бувад рав зикр кун.*
***
*Кори беустод хоҳӣ сохтан,*
*Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.*
***
*Ҳар киро афъоли дому дад бувад,*
*Бар каримонаш гумони бад бувад.*
***
*Ҳар ки ӯ бинҳод нохуш суннате,*
*Сӯи ӯ нафрин равад ҳар соате.*

*Интихоби Фаридуншоҳ АБДУЛЛОЕВ*

# ОЁ ШУМО ШАҲРИ ХУҶАНДРО МЕДОНЕД?



***Бо мақсади дар сатҳи баланди ташкилӣ ва гоявию бадеӣ таҷлил намудани Рӯзи шаҳри Хуҷанд дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, факултаи иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионӣ бо ташаббуси кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон мизи мудаввар дар мавзӯи “Оё шумо шаҳри Хуҷандро медонед?” баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, дотсент Мирпочоев Д.А., мудири шуъбаи илм ва инноватсия дотсент Камолов Ф.А., профессор Комарова Г.Б., ва дигарон иштирок намуданд.

Чорабиниро мудири кафедра, н.и.и., дотснт Муҳитдинова Ш.С. ҳусни оғоз бахшида, оиди Хуҷанди куҳнабунёди тозаҷавон маълумоти мукаммал дод.

Баъдан риштаи сухан ба муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, дотсент Мирпочоев Д.А. вогузор карда шуд. Маърӯзаи пурмуҳтавои устоди кафедра Содирхон Умаров таҳти унвони “Зикри бузургони Хуҷанд дар “Тазкират-ул-авлиё” доир ба таъриху фарҳангу маданияти мардуми Хуҷанд, шахсони барӯманди ин шаҳри қадима, ақидаи олимони варзида оид ба таърихи пайдоиши шаҳри Хуҷанд шунида шуд. Баъдан омӯзгори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Ғайбуллоев К.Қ. дар мавзуи “Аз таърихи шаҳри Хуҷанд” баромади пурмазмун намуд.

Маъсумахон Калонова дар мавзуи “Хуҷанд – маркази саноатии вилояти Суғд” бо забони англисӣ маърӯзаи пурмазмун намуда, оид ба имкониятҳои истеҳсолии шаҳри Хуҷанд ва соҳаи саноат маълумот дод.

Мамадҷонов Ф.С. оид ба саноати шаҳри Хуҷанд ва маҳаллаҳои он баромад намуда, диққати аҳли нишастро ба худ ҷалб намуданд.

Давронзода Манижабону, донишчуи курси 2, ихтисоси 25010407 “ Молия ва қарз” таҳсил бо забони анлгисӣ аз ашъори Камоли Хуҷандӣ, ки яке аз шоирони забардасти шаҳри Хуҷанд ба ҳисоб меравад, ғазалеро қироат намуд.

Мавриди зикр аст, ки дар чорабини истифодаи муаррифиҳо (презентатсия) ва видеороликҳои пурмазмун оид ба шахри Хуҷанд хеле самаранок истифода шуда, диққати аҳли нишастро ба худ ҷалб намуд.

Лозим ба таъкид аст, ки дар чорабинӣ мудири шуъбаи илм ва инноватсия дотсент Камолов Ф.А., мудири шуъбаи робитаҳои байналхалқӣ Мухторов С.С. дар доираи мавзуи зикргардида суханронӣ намуданд. Дар поёни чорабинӣ декани факултет Муҳитдинова Ш.С. аҳли нишастро хайра мақдам намуда, ба маърӯзачиён ва иштирокчиёни миннатдории хешро аз номи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон иброз дошт.

ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

МУАССИС:
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, х. Исмоили Сомонӣ 169, тел: (83422) 6-03-21

Сармушовир Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН

Муҳаррир Нӯъмон РАҶАБЗОДА

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ҳомид ҲОШИМЗОДА, Шӯҳратҷон МАШОКИРОВ, Инъомҷон АМИНОВ, Далерҷон МИРПОЧОЕВ, Гулчеҳра АҲРОРОВА, Маъруф ҲАКИМЗОДА, Нодирҷон ҶАЛОЛОВ, Зокирҷон ШАРИПОВ, Галина КОМАРОВА, Абдумавлон АЗИМОВ

Веростор: КОМРОН

Ҳайати эҷодӣ:
Фаррух Турсунов, Саидқосим Мухторов, Муаззамбек Шогунбеков, Фаррух Камолов, Абдувалӣ Акбарзода, Мадина Бузурукова

Нишонии идора: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Аминҷон Шукӯҳӣ 2
тел: (83422)-6-18-60

Дастхатҳо ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд

Моҳвора дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0405/РЗ аз 21.06.2016 сабти ном шудааст

Нашрия дар ҶСК “Набӣ Фахрӣ” чоп шудааст.

Фармоиши №____ Теъдоди н.

